ПРОТОКОЛИ №18

ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-136-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «12» ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ 9 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

12 ноябри соли 2026, соати 15:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17) ҷаласаи шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-136 баргузор гардид. Анҷоми ҷаласа соати 17:40

Котиби илмӣ: номзади илмҳои химия Бобокалонов Т.Б.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 11 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «31» «июли» соли 2026, №291/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 9 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда (3 нафар докторони илм) мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Султонзода Рухшона Султан дар мавзуи «Комплексҳосилкунии симоб (II) бо N – атсетилтиомочевина» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ.

Диссертатсия дар кафедраҳои химияи ғайриорганикӣ ва химияи таҳлилии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи таҳлилии факултети химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Қурбонова Фируза Шамсуллоевна** мебошад.

Муқарризони расмӣ:

1. **Исозода Диловаршоҳ Тариқ** – доктори илмҳои техникӣ, профессор, ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон;

2. Кабирзода Ҷовидон Нурмаҳмад – номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва захршиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино"

3. Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

БАРОМАД НАМУДАНД:

1. Раиси шуро: Сафармамадзода С.М.
2. Котиби илмии шуро: Бобокалонов Т.Б.
3. Унвонҷӯ: Султонзода Рухшона Султан.

Диссертант ба саволҳои аъзои шуро – профессорон: Самиҳзода Ш.Р., Раҷабов У.Р., Раҳимова М., Норова М.Т. ва Сафармамадзода С.М. ҷавоб дод.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Бинобар сабаби дар сафари хизматӣ қарор доштани **Исозода Диловаршоҳ Тариқ –** доктори илмҳои техникӣ, профессор, ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон тақризи ӯро котиби илмии шуро Бобокалонов Т.Б. қироат намуд;
2. **Кабирзода Ҷовидон Нурмаҳмад –** номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва захршиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино"

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Мирзозода Б. – доктори илмҳои техникӣ, ходими калони шуъби илм, инноватсия, муносибатҳои байналхалқӣ ва маҷалланигории Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломаносов;

2. Шаймуродов Ф.И. – номзади илмҳои техникӣ, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи "Сифати об"-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

3. Раҳимов Ф.Қ. – номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи металлургияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;

4. Баротзода Б.Б. – доктори илмҳои техникӣ, муовини директори Агентии амнияти ХБРЯ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони расмӣ, ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – доктори илмҳои химия, профессор Раҷабов У.Р. (раис), докторони илмҳои химия Мабатқадамзода К.С. (аъзо), доктори илмҳои техникӣ Наимов Н.А. (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 11 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 9 иштирок намуданд: аз инҳо 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Султонзода Рухшона Султан дар мавзуи «Комплексҳосилкунии симоб (II) бо N – атсетилтиомочевина» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ қабул гардид.

ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «12» ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Султонзода Рухшона Султан дар мавзуи «Комплексҳосилкунии симоб (II) бо N – атсетилтиомочевина» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ, тақризи муассисаи пешбар – номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Низомов И.М., тақризи муқаризи расмӣ – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Исозода Д.Т., суханронии муқарризи расмӣ н.и.х., дотсенти кафедраи кимиёи фарматсевтӣ ва захршиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” Кабирзода Ҷ.Н., муқарризони ғайрирасмӣ – Мирзозода Б. – доктори илмҳои техникӣ, ходими калони шуъби илм, инноватсия, муносибатҳои байналхалқӣ ва маҷалланигории Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломаносов, Шаймуродов Ф.И. – номзади илмҳои техникӣ, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи “Сифати об”-и Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раҳимов Ф.Қ. – номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи металлургияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Баротзода Б.Б. – доктори илмҳои техникӣ, муовини директори Агентии амнияти ХБРЯ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия – дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Султонзода Р.С.

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Султонзода Рухшона Султан дар мавзуи «Комплексҳосилкунии симоб (II) бо N – атсетилтиомочевина» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи

ғайриорганикӣ ба талаботи бандҳои 29-36-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Султонзода Рухшона Султан дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ, Сафармамадзода
доктори илмҳои химия, профессор Сафармамад Муборакшо

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, Бобокалонов
номзади илмҳои химия, дотсент Тоҷиддин Баротмаҳмадович

аз «12» ноябри соли 2026